**СУРАТҶАЛАСАИ №60**

ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-030-и назди Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.06 – Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01 - Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ)

**аз 18 июни соли 2024**

**Иштирок кард:** Аз 16 нафар ҳайати шурои диссертатсионии аз ҷониби КОА назди Президенти ҶТ тасдиқшуда ҳама иштирок доштанд: Иматзода Л.М. – раиси шуро, Раҳимзода Х. – муовини раиси шуро, Котибова Ш.П. - котиби илмӣ, аъзоён: Негматов С.Э., Латифзода Д.Н., Юнусова Н.М., Гулмадов Ф., Каримзода М.Б., Иззатова М.И., Туронов С.Ш., Махкамов Д., Лутфуллоева П.М., Обидова М.И., Рамазонова Р.С., Ҳакимова Ҷ.С., Ҷонмаҳмадова Г.Ш. аз ҷумла, 3 нафар доктороні илм ва 2 нафар номзадони илм оид ба самти диссертатсияи баррасишаванда. Пешниҳод мешвад, ки ҷаласаи шурои диссертатсионӣ кушода шавад. Пешниҳоди дигар нест? Пешниҳод шуд, ки ҷаласа кушода шавад. Пешниҳод якдилона қабул шуд.

**РӮЗНОМА**

1. Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Мансурова Дилрабо Қодирҷоновна дар мавзуи "Шароитҳои педагогии рушди салоҳиятҳои маърифатӣ-эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабии Ҷумҳурии Тоҷикистон", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯи ихтисоси 13.00.06 – Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01 - Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ), тасдиқи муқарризони расмӣ ва муассисаи тақриздиҳанда.

**ШУНИДА ШУД:**

Раиси шурои диссертатсионӣ Иматзода Л.М., аъзои комиссияи экспертӣ Каримзода М.Б., Иззатова М.И., Обидова М.И. (хулосаи комиссияи экспертӣ замима мегардад) баромад карданд.

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи Мансурова Дилрабо Қодирҷоновна дар мавзуи "Шароитҳои педагогии рушди салоҳиятҳои маърифатӣ-эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабии Ҷумҳурии Тоҷикистон", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯи ихтисоси 13.00.06 – Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01 -

Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ), барои ҳимоя иҷозат дода шавад.

Ба сифати муассисаи пешбар **Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ** таъин карда шавад.

Ба сифати муқарризони расмӣ: **Юнусова Нафисахон Муродовна** - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва **Қурбонова Гулрӯ Абдуалимовна** - номзади илмҳои педагогӣ, омӯзгори кафедраи методикаи таълими фан дар муассисаҳои томактабӣ, ибтидоӣ ва миёнаи умумии филиали "Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф" дар шаҳри Душанбе таъин карда шаванд.

3. Барои ҷойгирсозии эълони ҳимоя дар сомонаи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон вақти ҳимоя, нашр ва ҷойгир кардани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, ҳамчунин нашр ва паҳн кардани автореферат иҷозат дода шавад.

4. Рӯзи ҳимоя 12 сентябри соли 2024 таъйин карда шавад.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои педагогӣ, дотсент** **Иматзода Л.М.**

**Котиби илмии шурои**
**диссертатсионӣ, н.и.п., дотсент** **Котибова Ш.П.**

*"Имзои Иматзода Л.М. ва Котибова Ш.П.-ро тасдиқ мекунам"*

Мудири шуъбаи кадрҳо ва коргузории
Пажӯҳишгоҳи рушди маориф
ба номи Абдураҳмони Ҷомии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Ҳакимова Х.С.

ШУЪБАИ КАДРҲО